Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 2 октябри соли 2010,
№475 тасдиқ шудааст

# БАРНОМАИ ДАВЛАТИИ ТАЙЁР КАРДАНИ КАДРҲОИ ОМӮЗГОРӢ БАРОИ СОЛҲОИ 2011-2016

## 1.Муқаддима

1) Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ барои солҳои 2011-2016 (минбаъд - Барнома) вобаста ба гузариш ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ бо мақсади таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, мустаҳкам гардидани заминаи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои тахсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ таҳия гардида, барои ҳавасмандгардонии моддию маънавии омӯзгорон мусоидат менамояд.

2) Барнома дар доираи талаботи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015 ва Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 апрели соли 2010 таҳия шудааст.

3) Яке аз тадбирҳои асосӣ - таъмини муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорон тадриҷан ҳалли воқеии худро ёфта, ҳозиршавии мутахассисони ҷавон аз 49-55 фоиз соли 2004 дар соли 2009 ба зиёда аз 92 фоиз расид. Маоши омӯзгорон ба ҳисоби миёна дар соли 2005 барои як ставка 28,8 сомониро ташкил медод, ки дар соли 2009 ба зиёда аз 173 сомонӣ расид. Дар ин давра 624 муассисаи таҳсилоти умумӣ иборат аз 5416 синфхона барои 129862 хонанда сохта шуд.

4) Компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ идома дода шуда, шумораи компютерҳо аз 9510 адади соли 2005 дар соли 2010 ба 28202 адад расонида шуд.

5) Дар доираи Нақшаи татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф барои солҳои 2004-2009, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2004, №291 тасдиқ шудааст, нақша ва мазмуни барномаҳои таълимӣ ба талаботи замон мувофиқ гардонида шуда, дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгории кишвар ва хориҷа тайёр намудани мутахассисон аз рӯи ихтисосҳои психология, логопедия, сурдопедагогика ба роҳ монда шуданд.

6) Дар баробари ин гузариш ба низоми нави таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҳалли як қатор масъалаҳоеро талаб мекунанд, ки амалӣ гардидани онҳо дар раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва

олии касбӣ марҳилаи навро оғоз намуда, барои ҳарчӣ зудтар ворид гардидан ба фазои ягонаи таҳсилот заминаи устуворро муҳайё месозад.

**2. Мақсадҳои асосии Барнома**

7) Бо мақсади такмили низоми маориф, дар доираи талаботи стандартҳои ҷаҳонӣ, баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия ва дар сатҳи зарурӣ тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ корҳои зеринро анҷом додан зарур аст:

- баланд бардоштани мақоми иҷтимоӣ ва касбии кормандони соҳаи маориф, тақвияти дастгирии давлатӣ ва ҷамъиятии онҳо;
- баланд бардоштани нақш ва масъулияти субъектҳои раванди таълиму тарбияи - хонандагон, омӯзгорон, падару модар, мураббиён ва дигар шахсоне, ки дар раванди таълиму тарбия иштирок менамоянд;
- таҷдиди назари мазмуни нақша ва барномаҳои таълимӣ дар ҳамаи намудҳои муассисаҳои таълимӣ бо назардошти гузаштан ба низоми нави таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар асоси дастовардҳои нави илму технологияи муосири таълим;
- такмили мазмуни барномаҳои тахассусии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии омӯзгорӣ ва донишкадаю марказҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф бо мақсади тайёр кардани омӯзгорони баландихтисос;
- таҷдиди назари мӯҳлат ва мазмуни таҷрибаомӯзии донишҷӯёни ихтисосҳои омӯзгорӣ;
- таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти миёна, олии касбӣ ва донишкадаю марказҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф;
- истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди таълиму тарбия, бо назардошти омилҳои психологӣ ва омӯзгорӣ.

**3. Вазифаҳои Барнома**

8) Вазифаҳои асосии Барнома аз инҳо иборат аст:

- баланд бардоштани мақоми омӯзгор аз тарафи давлат ва ҷомеа;
- таҳкими робитаи дуҷонибаи мактаб бо оила ва оила бо мактаб;
- баланд бардоштани ҳисси масъулият ва сатҳи дониш, салоҳияти касбии омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ бо роҳи такмили ихтисос ва бозомӯзии онҳо;
- андешидани тадбирҳои мушаххас оид ба роҳҳои такмили механизми тақсимот ва ба ҷои кор ҳозиршавии мутахассисони ҷавон;
- таҳкими заминаи моддию техникии донишгоҳ, донишкадаҳо ва коллеҷҳои омӯзгорӣ;
- такмили системаи тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ, тавсеаи таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва роҳҳои татбиқи он;
- таҳкими заминаи моддию техникӣ ва кадрии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

9) Натиҷаҳои татбиқи Барнома.

Татбиқи Барнома натиҷаҳои зеринро пешбинӣ менамояд:

- талаботи муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои ихтисосманди омӯзгорӣ таъмин мегардад;

- мақоми омӯзгор дар ҷомеа баланд мешавад;

- баланд бардоштани ҳисси масъулият, сатҳи дониш ва салоҳияти касбии омӯзгорон талаботи ҷомеаро ба сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ қонеъ гардонида, барои гузариш ба низоми таҳсилоти ҳатмии умумии асосии 10-сола ва таҳсилоти миёнаи умумии 12-сола мусоидат менамояд.

**4.Манбаъҳои маблағгузорӣ**

10) Маблағгузории умумии татбиқи тадбирҳои тайёр кардани кадрҳои омӯзгориро то соли 2016 маблағҳое ташкил медиҳанд, ки аз Буҷети давлатӣ барои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дастгоҳи марказӣ), Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ новобаста аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият ва дигар муассисаҳои тобеи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола ҷудо карда мешаванд, ташкил медиҳанд. Ҳамчунин маблағҳои инвеститсионӣ, ки ба низоми соҳаи маорифи Тоҷикистон бо ҳамин мақсадҳо пешбинӣ шудаанд, манбаъҳои дигари ғайрибуҷетӣ, аз ҷумла маблағҳои ташкилоту муассисаҳои ғайридавлатӣ ва дигар сарпарастон барои татбиқи Барномаи мазкур ҷалб карда мешавад.

**5.Самт ва давраҳои татбиқи Барнома**

11) Самаранокии низоми соҳаи маориф яке аз омилҳои асосии таъмини рушди устувор ва пешрафти иқтисодиёту иҷтимоиёти кишвар буда, амалӣ гардидани он пеш аз ҳама ба тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси соҳаи омӯзгорӣ, ки яке аз самтҳои асосии Барномаи мазкур ба ҳисоб меравад, алоқаманд мебошад.

12) Гузариш ба низоми нави таҳсилоти умумӣ иҷрои як қатор масъалаҳои муҳими соҳаро ба миён мегузорад, ки бе ҳалли бомуваффақияти онҳо расидан ба ҳадафҳои асосии маориф - баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, сатҳи дониши хонандагон ва дар ин замина тарбия ва ба воя расонидани инсони комил, бофарҳангу ватанпараст, ботаҳаммул, масъулиятшинос ва фаъол амалан ғайри имкон аст.

13) Гузариш ба низоми нави таҳсилот, тағйири мазмуни таҳсилот ва ба он мувофиқ гардонидани нақша ва барномаҳои таълимӣ на танҳо шумораи иловагии омӯзгорон, балки инчунин масъалаҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси онҳоро низ ба миён меорад. Аз ин рӯ бо назардошти мақсаду вазифаҳои зикршуда, татбиқи самтҳои зерини Барнома пешбинӣ шудаанд.

14) Тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ мутобиқи эҳтиёҷоти муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ.

15) Муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии омӯзгории ҷумҳурӣ дар асоси талаботи муассисаҳои таълимӣ имконият доранд, ки

кадрҳои омӯзгориро аз рӯи тамоми равия ва ихтисосҳо тайёр намоянд. Гузариш ба низоми нави таҳсилоти умумӣ талаб менамояд, ки ҳангоми тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ талаботи шаҳру ноҳияҳо бо назардошти стандарти нави таҳсилот ва барномаҳои нави таълимӣ ба инобат гирифта шаванд.

16) Дар асоси Барномаи мазкур тайёр намудани кадрҳои ихтисосманди омӯзгорӣ барои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, ибтидоӣ, асосӣ, миёнаи умумӣ ва таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаю олии касбӣ пешбинӣ карда мешаванд.

17) Дар баробари ин тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ аз рӯи ихтисосҳои алоҳида дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии хориҷи кишвар пешбинӣ мегардад.

18) Таъмини ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии омӯзгорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, шӯъбаҳои маориф ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

19) Яке аз роҳҳои самарабахш ва ҳалли бомуваффақияти масъалаи тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар ва таъмини пурраи муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои ихтисосманди омӯзгорӣ ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии омӯзгорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, шӯъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мебошад.

20) Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ бо роҳи таъмини саривақтии имтиёзҳои муқаррааргардида ба омӯзгорони ҷавон, муқаррар намудани имтиёзҳои иловагӣ ва дигар ҳавасмандкуниҳо барои омӯзгорон ба баланд рафтани мақоми омӯзгор дар ҷомеа мусоидат намуда, имконият диҳад, ки таваҷҷӯҳ ва рағбати насли наврас ба касби омӯзгорӣ афзояд.

21) Таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии омӯзгорӣ.

22) Дар Барнома барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои омӯзгории таҳсилоти миёна ва олии касбӣ харидорӣ намудани техникаю технологияи муосир, асбобҳои лабараторӣ, химикатҳо барои гузаронидани таҷрибаҳои лабораторӣ, таҷҳизонидани синфҳои компютерӣ, лингофонӣ ва дигар чорабиниҳо, ки барои тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ мусоидат менамоянд, пешбинӣ гардидааст.

**6. Давраҳои татбиқи Барнома**

23) Барномаи мазкур дар ду давра амалӣ карда мешавад: давраи якум солҳои 2011- 2013 ва давраи дуюм солҳои 2014 - 2016.

24) Дар давраи якум масъалаҳои зерин ҳал карда мешаванд:

- дар заминаи гузаштан ба низоми нави таҳсилоти умумӣ таҷдиди мазмуни таҳсилоти умумӣ, таҳсилоти миёна ва олии касбӣ;
- такмили системаи бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон;

- пурра таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар бо компютерҳо, китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ ва дастурҳои таълимӣ;

- таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ;

- муқаррар намудани ҳамкориҳои судманди муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии омӯзгорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, шӯъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар таъмини эҳтиёҷоти муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ;

- таҳияи дурнамои тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ барои солҳои минбаъда бо назардошти гузаштан ба низоми нави таҳсилоти умумӣ;

## 7.Тадбирҳои амалӣ намудани Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ барои солҳои 2011-2016

| № | Номгӯи чора бинихо | Мӯҳлати иҷро | Мутасаддиён |
|---|---|---|---|
| 1 | Тақвият бахшидан ба ҳамкории байни донишкадаҳо ва марказҳои такм или ихтисос бо кабинетҳои методӣ ва иттиҳодияҳои методии муассисаҳои таълимӣ | Доимӣ | Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷ икистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикис тон, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф |
| 2 | Бозомӯзӣ ва такмил и их тисос и омӯзгорон ва кадрҳои роҳбарику нандаи с оҳаи маориф | Доимӣ | Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷ икистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон |
| 3 | Бо назард ошти ба низоми кредитии таҳсилот гузаштанимуассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҷдиди назар ба Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2012 | Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷ икистон, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 4 | Вобаста ба гузариши муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ба таҳсилоти бисёрзинагӣ ва тенологияи низоми кредитии таҳсилот ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сол и 2011 | Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷ икистон, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 5 | Таҷдиди назар ба нақшаю барномаҳои таълимӣ аз рӯи равияҳо ва ихтисосҳо бо назардошти меъёрҳои байналмилалӣ ва стандартҳои давлатии таҳсилот | 2012-2014 | Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Маркази таълимию методӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ |
| 6 | Компютеркунонии ҷараёни таълим, сабти лаҳзаҳои дарсҳои амалӣ, лабораторӣ, матни лексионӣ дар дискҳо, истифодаи технологияи нави тaъл им дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ | 2011 | Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷ икистон, муассисаҳои таълимӣ |
| 7 | Таҳия ва тасдиқи Низомнома доир ба | 2011 | Вазорати маорифи |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | тақ рибаомӯзии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миё наи касбӣ | | Ҷумҳурии Тоҷ икистон |
| 8 | Таҳкими заминаҳои моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ташкили ихтисосҳои мутобиқ ба талаботи бозори меҳнат | 2014-2016 | Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷ икистон, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 9 | Таъмини кабинетҳои фаннии мактабҳо бо лавозим оти зарурӣ ва муҳайё сохтани шароит барои гузаштан ба таҳсилоти равиявӣ ва касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ ва миё наи касбӣ | 2011-2016 | Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 10 | Таҳия ва пешниҳоди шаклҳои нави аттестатсия, санҷиши дониш, маҳорат ва малакаи касбии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ | 2011 | Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷ икистон, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миё на ва олии касбӣ |
| 11 | Таҳияи Барномаи чопи китобҳои дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо назардошти гузаштан ба низоми нави таҳсилоти умумӣ | 2011-2014 | Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷ икистон |
| 12 | Таҳияи Барномаи таъмини муассисаҳои таълимии кишвар, бо маводи лабораторӣ ва асбобҳои аёнӣ | 2012 | Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 13 | Ҳамасола ба нақша гирифтани номгӯи ихтисосҳои барои иқтисодиёти миллӣ зарурӣ, ки дар муассисаҳои таълимии хориҷи кишвар тайёр карда мешаванд | 2011-2016 | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷ икистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 14 | Ҷалби маблағҳои инвеститсионӣ, созмонҳои байналмилалӣ, грантҳо барои такмили ихтис оси омӯзгорон | 2011-2016 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 15 | Дар асоси талаботи муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳо ба роҳ мондани тақсимоти мутахассисони ҷавон ва назорати иҷрои он | Доимӣ | Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо |
| 16 | Бозсозии институтсионалии тамоми зинаҳои маориф дар асоси ҳамкории мутақобилан судманд бо бозори меҳнат | 2014-2016 | Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷ икистон, муассисаҳои таълимӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо |
| 17 | Омӯзиш ва тавсеаи таҷрибаи пешқадами муаллимони навҷӯ ва эҷодкор дар муассисаҳои таълимӣ | Доимӣ | Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | шахру ноҳияҳо |
| 18 | Назорати таъм иноти кадрӣ дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо, бахусус деҳаҳои дурдаст ва пайдо кардани роҳҳои дарёфти<br>имтиё зҳо барои чунин табақаҳои омӯзгорон | 2011-2016 | Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷ икистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо |
| 19 | Таҷдиди назар ба мӯҳлат ва мазмуни таҷрибаомӯзии донишҷӯёни ихтисосҳои омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти миё на ва олии касбӣ | 2011-2013 | Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ |